# ХУЛОСАИ КИТОБИ АҲКОМИ УЗҲИЯ (ҚУРБОНӢ) ВА ЗАБҲ

## تلخيص كتاب الأضحية والذكاة


المؤلف: محمد بن صالح العثيمين رحمه الله

المترجم

شهاب الدين بن صالح

**МУАЛЛИФ**

**МУҲАММАД ИБНИ СОЛИҲ УСАЙМИН**

**(РАҲИМАҲУЛЛОҲ)**

**ТАРҶУМОН**

**ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ**

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

## Пешгуфтор

Ҳамду сипос барои Аллоҳ аст, Ӯро ҳамд мегуем ва аз Ӯ талаби мағфират мекунем ва ба сӯи Ӯ тавба мекунем ва аз нафсҳои бадамон ва аз амалҳои бадамон ба Аллоҳ паноҳ мебарем, касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро гумроҳ кунад, пас барои ӯ роҳнамое нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳи ягона нест, Ӯро шарике нест ва гувоҳи медиҳам, ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст саллаллоҳу алайҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи ва ман табиъаҳум бииҳсон ва саллама таслиман касиро. Аммо баъд:

Ман китобе дар аҳкоми қурбонӣ ва забҳ кардан ба таври тулонӣ нависта будам, ки 93 саҳифа буд ва дар он баъзе хилоф ва муноқашаҳо буд, ки бар хонанда хондани он тулонӣ мешуд, пас муносиб дидам, ки он китобро хулоса намоям, ба чизҳое ки ҳоҷат нест ва зиёд аст, ҳазф намоям.

Ва аз Аллоҳ мепурсам, ки ҳамаи амаламонро холис барои Аллоҳ таъоло, баёнгари шариаташ, нафъовар барои мо ва мусалмонон гардонад, албатта Ӯ бисёр саховатманду карим аст.

Ин хулоса шомили фаслҳои зерин аст:

Фасли якум: Таърифи узҳия (қурбонӣ) ва ҳукми он.

Фасли дуввум: Андар шартҳои қурбонӣ.

Фасли сеюм: Андар афзалияти қурбонӣ аз рӯи ҷинс ё сифат ва макруҳҳои он.

Фасли чорум: Дар ҳаққи касе ки қурбонӣ аз ӯ иҷро мешавад.

Фасли панҷум: Дар чӣ чиз қурбонӣ таъйин мешавад ва аҳкоми он.

Фасли шашум: Андар чизе ки аз қурбонӣ хӯрда ва тақсим карда мешавад.

Фасли ҳафтум: Касе қасди қурбонӣ дорад, аз чӣ чиз парҳез мекунад.

Фасли ҳаштум: Дар куштани мол ва шартҳои он.

Фасли нуҳум: Дар одоби забҳ кардан.

Фасли даҳум: Дар макруҳҳои забҳ кардан.

**Муаллиф**

## Фасли аввал: Таърифи (узҳия) қурбонӣ ва ҳукми он

**Узҳия:** Ҳайвоне аз қабили шутур, гов, гусфанд ва буз, ки дар рӯзҳои иди қурбон аз рӯи наздик шудан ба Аллоҳ таъоло кушта мешавад. Ва он аз ойини дини Ислом аст, ки ба китоби Аллоҳ таъоло ва ба суннати расули Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ба иҷмоъи мусалмонон шаръӣ мебошад.

Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنۡحَرۡ ٢ ﴾ الكوثر: ٢ (**Пас барои Парвардигорат намоз бихон ва қурбонӣ кун!**). Ва Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ قُلۡ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحۡيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ١٦٢ ﴾ الأنعام: ١٦٢ (**Бигӯ: Албатта намозам ва қурбонии ман ва зиндагӣ ва марги ман ҳама барои Аллоҳ Парвардигори ҷаҳониён аст, барои Ӯ шарике нест ва ба ин амр шудаам ва ман нахустин мусалмонам**).

Ва маънои нусук забҳ кардан аст. Ин маънoро Саъид ибни Ҷубайр гуфтааст. Ва гуфта шуд: Нусук ҳамаи ибодатҳо аст ва аз ҷумлаи он забҳ кардан аст ва он шомилтар мебошад. Ва Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ وَلِكُلِّ أُمَّةٖ جَعَلۡنَا مَنسَكٗا لِّيَذۡكُرُواْ ٱسۡمَ ٱللَّهِ عَلَىٰ مَا رَزَقَهُم مِّنۢ بَهِيمَةِ ٱلۡأَنۡعَٰمِۗ فَإِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞ فَلَهُۥٓ أَسۡلِمُواْۗ وَبَشِّرِ ٱلۡمُخۡبِتِينَ ٣٤ ﴾ الحج: ٣٤

(**Ва барои ҳар уммате қурбонӣ додем, то номи Аллоҳро "ба ҳангоми забҳ" бар чаҳорпоёне, ки рӯзияшон кардааст, бибаранд, пас маъбуди шумо маъбуди ягона аст "ҳама" барои Ӯ таслим шавед ва ба фурӯтанон башорат деҳ**). Сураи Ҳаҷ, ояти: 34

Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: "Паёмбар ﷺ ба ду гусфанди нар, ки сиёҳу сафед (ала) ва шохдор буданд, қурбонӣ кард. Он дуро ба дастони худаш забҳ кард ва бисмиллоҳ ва Аллоҳу акбар гуфт, пои худро бар паҳлуи онҳо гузошта буд".

Аз Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят аст, ки гуфт: " Паёмбар ﷺ дар Мадина даҳ сол зиндагӣ кард ва ҳар сол қурбонӣ мекард". Ин ҳадисро Аҳмад ва Тирмизӣ ривоят карданд ва Тирмизӣ гуфт: Ҳадиси ҳасан аст.

Ва аз Уқба ибни Омир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ қурбониҳоро дар байни ёронаш тақсим кард, пас ба Уқба як гусфанди (шашмоҳа) расид, пас гуфт: Эй Расулуллоҳ ба ман гусфанди шашмоҳа расид, пас фармуд: Онро қурбонӣ кун!. Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Аз Баро ибни Озиб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "Касе баъд аз намози ид забҳ кунад, пас қурбонияшро комил карда ва суннати мусалмононро дарёфтааст". Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Пас Паёмбар ﷺ қурбонӣ кард ва ёронаш разияллоҳу анҳум қурбонӣ карданд ва хабар дод, ки қурбонӣ суннати мусалмонон аст, яъне тариқаи онон аст ва мусалмонон бар шаръӣ будани он иҷмоъ кардаанд, ҳамонгуна ки чандин олимон ин иҷмоъро нақл кардаанд.

Ихтилоф карданд, оё қурбонӣ суннати муаккада аст ё воҷиб, ки тарки он ҷоиз намебошад?

Ҷумҳури олимон гуфтанд, ки қурбонӣ суннати муаккада аст ва ин мазҳаби Шофеъӣ, Молик ва Аҳмад дар ривоятҳои машҳур аз онҳо аст.

Ва дигарон гуфтанд: Қурбонӣ воҷиб аст ва ин мазҳаби Абӯҳанифа ва дар яке ривоятҳо аз Аҳмад аст. Инро Шайхи Ислом Ибни Таймия ихтиёр намуд ва гуфт: Ин яке аз ду қавл дар мазҳаби Молик аст ё зоҳири мазҳаби Молик аст.

Куштани ҳайвони қурбонӣ аз садақа додан ба қимати он беҳтар аст, зеро ин амали Паёмбар саллолоҳу алайҳи ва саллам ва

мусалмонон бо ҳамроҳи Ӯ мебошад, зеро қурбонӣ кардан аз дини Аллоҳ таъолост, пас агар мардум қурбонӣ карданро яксӯ гузоранду қимати онро садақа кунанд, ҳароина ин ибодат бекор мешавад. Агар қимати қурбониро садақа додан аз куштани қурбонӣ беҳтар мебуд, ҳароина Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои умматаш ба гуфтааш ё феълаш баён мекард, зеро Ӯ баёни хайрро барои умматаш тарк намекард, балки агар садақа ба қурбонӣ баробар мебуд, ҳароина низ онро баён мекард, зеро он аз машаққати қурбонӣ осонтар мебуд. Ва Паёмбар саллалоҳу алайҳи ва саллам баёни осонтарро барои умматаш бо баробар будани он ба душвортар раҳо намекард. Ба мардум дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуруснагӣ расид, пас фармуд: "касе аз шумо қурбонӣ кард, пас дар хонааш чизе аз он баъди сеюм рӯз намонад". Пас соли оянда гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, ҳамчуноне ки соли гузашта карда будем, имсол бикунем, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Бихӯред, таом диҳед ва захира кунед, зеро дар он сол мардум дар гуруснагӣ буданд, пас хостам дар он сол ёрӣ диҳед". Ривоят Бухорӣ ва Муслим.

Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Мол куштан дар мавзеи худ аз садақа додани қимати он беҳтар аст. Гуфт: Барои ин агар ба ҷои қимати ҳадяи ҳаҷҷи таматӯъ ва қирон чанд баробари қимати онро садақа диҳад, дар ҷои он қоим намешавад ва қурбонӣ инчунин аст. Суханаш тамом шуд.

Фасл: Асл дар қурбонӣ ин аст, ки он дар ҳаққи зиндаҳо дар шариат омадааст, ҳамчуноне ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ёронаш аз ҷониби худашон ва аҳлашон қурбонӣ мекарданд, пас хос гардондани қурбонӣ ба мурдагон ҳеҷ асле надо-рад.

**Аз тарафи мурдаҳо қурбонӣ кардан, се қисм аст:**

**Якум:** Аз тарафи мурдаҳо аз рӯи мутобаатии зиндаҳо қурбонӣ кардан, мисли ин ки шахс аз номи худ ва аз хонаводааш қурбонӣ кунад ва ба хонаводааш зиндаҳо ва мурдаҳои онҳоро ният кунад. Асли ин, қурбонии Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз худаш ва аҳли хонадонаш аст ва дар миёни онҳо касест, ки пеш вафот кардааст.

**Дуюм:** Аз тарафи мурдаҳо ба муқтазои васияташон аз рӯи иҷрои васияти онҳо қурбонӣ кардан ва асли ин фармудаи Аллоҳ таъолост: (**Пас ҳар кас ки баъд аз шуниданаш онро тағйир диҳад, ба дурусти ки гуноҳаш бар касоне аст, ки он "васият"-ро тағйир медиҳад, ҳамоно Аллоҳ шунавои доност**).

**Сеюм:** Аз тарафи мурдаҳо ба таври мустақилона зиндаҳо қурбонӣ кунанд аз рӯи садақа кардан, ин дуруст аст. Донишмандони ҳанбалиҳо гуфтанд, ки савоби он ба майит мерасад ва ба он фоида мебарад, аз рӯи қиёс кардан ба аз тарафи вай садақа додан ва локин хос кардани майтро ба қурбонӣ аз суннат намедонем, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба хусус аз тарафи ягон хеши майташ қурбонӣ накард пас аз тарафи амакаш Ҳамза қурбонӣ накард ва Ӯ аз азизтарин хешовандҳояш буд ва на аз тарафи кӯдаконаш, ки дар ҳоли ҳаёташ фавтида буданд ва онон се духтари шавҳардор ва се писари худсол буд ва на аз тарафи ҳамсараш Хадиҷа ва вай дӯстдоштатарини занонаш буд ва аз ёронаш дар замони Ӯ наомадааст, ки аз тарафи яке аз мурдагонашон қурбонӣ карда бошанд.

Ва боз он чиро ки мардум аз тарафи майит соли аввал, ки мемирад қурбонӣ мекунанд ва онро (қурбонии ҳафра) меноманд хато медонем. Ва эътиқод мекунанд бо вай дар савоби он касе шарик шуданааш ҷоиз намебошад, ё аз тарафи мурдаҳояшон аз рӯи хайр кардан қурбонӣ мекунанд ва аз тарафи худашон ва

хонаводаашон қурбонӣ намекунанд ва агар бидонанд, ки мард ҳаргоҳ аз молаш аз ҷониби худаш ва аҳлаш қурбонӣ кунад, аҳли зинда ва мурдаашро шомил мешавад, аз ин ба сӯи ин амалашон майл намекунанд.

## Фасли дуввум: Андар шартҳои қурбонӣ

**Барои қурбонӣ шаш шарт гузошта шудааст:**

**Шарти якум:** Аз баҳимаи анъом бошад ва он шутур, гов ва гусфанду буз аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва барои ҳар уммате қурбонӣ додем, то номи Аллоҳро "ба ҳангоми забҳ" бар чаҳорпоёне ки рӯзияшон кардааст бибаранд, пас маъбуди шумо маъбуди ягона аст "ҳама" барои Ӯ таслим шавед ва ба фурӯтанон башорат деҳ**). Ва баҳимаи анъом ҳамон шутур, гов ва гусфанду буз аст, ин дар назди араб маъруф аст. Инро Ҳасан, Қатода ва чанд нафар гуфтааст.

**Шарти дуввум:** Ба сини муайян шаръан бирасад, ба ин ки гусфанд ним сол дошта бошад ё аз ғайраш санӣ бошад, аз рӯи фармудаи Ӯ ﷺ: "Забҳ накунед, магар мусиннаро (яъне шутуре ки беш аз панҷ сол умр дошта бошад) пас агар ёфтани шутури мусинна душвор шуд, пас ҷазаъаро (гусфанди шашмоҳаро) забҳ кунед". Ривояти Муслим.

Ва мусинна санӣ пас бештар аз он ва ҷазаъа поёнтар аз он аст. Шутури санӣ панҷ солро пур карда аст ва гови санӣ ду солро пур кардааст ва сании ғанам як солро пур кардааст ва ҷазаъа шаш моҳро пур кардааст, пас қурбонӣ аз шутури аз панҷ сола хурд ва гови аз ду сола хурд ва бузи аз яксола хурд ва гусфанди аз шаш моҳа хурд, дуруст намешавад.

**Шарти сеюм:** Аз айбҳое ки аз дуруст шудани қурбонӣ монеа мешавад, холӣ бошад ва он чорто айб аст:

1-Кури ошкор: Оне ки чашм дар косахонаи сар фурӯ рафта ё ошкор мебошад, монанди тугма ё сап-сафед мебошад, ки бар курии он ошкоро далолат мекунад.

2-Бемории ошкор: Он беморие, ки бар чаҳорпо аломатҳояш маълум мегардад, монанди табе ки ӯро аз чаридан боз медорад

ва иштиҳояшро манъ мекунад ва ҷараби[1] ошкор, ки гушти онро фосид мекунад ё дар саломатии он таъсир мерасонад ва ҷароҳати чуқур, ки дар саломатии он таъсир мерасонад ва монанди он.

3-Ланги ошкор: Лангие ки чаҳорпоро дар рафтанаш аз солимона роҳ рафтан манъ мекунад.

4-Лоғарие, ки мағзро аз байн баранда аст, аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ замоне пурсида шуд, аз қурбонии кадом чизҳо парҳез кунем? Паёмбар ﷺ ба ангуштҳои худ ишора карда гуфт: "Чор чиз аст, ки аз қурбонии он парҳез кунед, ланг ки лангии он ошкор аст, якчашм, ки курии он ошкор аст, беморе ки бемории он ошкор аст ва лоғаре ки дар устухони худ мағз надорад". Ин ҳадисро имом Молик дар Муватта аз Баро ибни Озиб ривоят кардааст.

Ва дар ривояте дар Сунанҳо аз Баро ибни Озиб разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки вай гуфт: Расулуллоҳ ﷺ дар миёни мо бархост, пас фармуд: "Чор чиз дар қурбонӣ ҷоиз намебошад" ва монанди онро зикр кард.

Пас ин чор айб аз қурбонӣ кардани ҳайвон монеаи ҷоизӣ мешавад ва ба ин чор айб он айбе ки мисли он ё аз он сахттар аст мепайвандад, пас қурбонӣ ба айбҳои зерин ҷоиз намебошад:

1-Куре ки чашмонаш намебинад.

2-Гирондагӣ то рих шавад ва аз вай хатар бартараф шавад.

3-Таваллудкунанда, ҳаргоҳ зоидани вай душвор гардад, то хатар аз вай бартараф шавад.

4-Ҳайвоне ки ба хафа шудан ва аз баландӣ афтодан ва монанди он мубтало шудааст, ки вайро мемиронад, то хатар аз вай бартараф шавад.

5-Заманӣ, ки ба хотири офате аз роҳ рафтан оҷиз аст.

6-Яке аз дастҳо ё пояш бурида шудааст.

---

[1] Ҷараб-яке аз бемориҳои пӯст, хориш.

Ҳаргоҳ ин айбҳоро ба айбҳое ки дар ҳадис омадааст, изофа кунӣ, ҳайвоне ки ба он қурбонӣ карда намешавад, даҳто мегардад, ин шашто ва оне ки ба чор айби собиқ айбдор бошад.

**Шарти чорум:** Мулки қурбоникун бошад ё аз ҷиҳати шариат барояш дар он иҷозат бошад ё аз тарафи молик иҷозат дошта бошад, пас ба чизе ки молик нест, қурбонӣ дуруст намешавад, мисли моли ғасбшуда ва дуздидашуда ва ба даъвои ботил гирифта шуда ва монанди он, зеро ба сӯи Аллоҳ ба маъсияташ наздикӣ ҷустан дуруст намебошад. Ва қурбони кардани валии ятим аз моли ятим дуруст мебошад, ҳаргоҳ ин одат шуда бошад ва қалбаш беқурбонӣ шикаста шавад. Ва қурбонӣ кардани вакил аз моли вакилкунанда ба иҷозаташ дуруст мебошад.

**Шарти панҷум:** Ҳаққи дигаре ба он тааллуқ надошта бошад, пас ба чизи дар гарав гузошта шуда қурбонӣ дуруст намешавад.

**Шарти шашум:** Онро дар вақте ки шариат муайян кардааст, қурбонӣ кунад. Ва он вақт аз баъди намози иди рӯзи наҳр (иди қурбон) то нишастани офтоби охирон рӯзи ташриқ ва он рӯзи сездаҳуми зулҳиҷҷа аст, мебошад. Пас рӯзҳои қурбонӣ кардан чор рӯз аст, рӯзи ид баъд аз намоз ва се рӯз баъд аз он, пас касе пеш аз тамом шудани намози ид ё баъди нишастани офтоби рӯзи сездаҳум қурбонӣ кунад, қурбонӣ дуруст намешавад, аз рӯи ҳадисе ки Бухорӣ аз Баро ибни Озиб разияллоҳу анҳу ривоят карданд, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "Касе пеш аз намоз мол забҳ кунад, пас он гуштест, ки бар аҳлаш пешниҳод кардааст ва аз қурбонӣ ҳисоб намешавад".

Ва аз Ҷундуб ибни Суфёни Баҷалӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки вай гуфт: Паёмбар ﷺ-ро мушоҳида кардам, ки фармуд: "Касе пеш аз намоз хондан забҳ кард, пас дар ҷои он моли дигаре забҳ кунад".

Аз Набишаи Ҳузалӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Рӯзҳои ташриқ рӯзҳои хӯрдан, нӯшидан ва зикри Аллоҳ азза ва ҷалла аст". Ривояти Муслим.

Локин агар ӯро узре барои дер кардан аз рӯзҳои ташриқ пеш ояд, мисли ин ки ҳайвони қурбонӣ бекутоҳии вай гурезад, пас онро баъди гузаштани вақт ёбад ё касеро вакил кунад, ки аз тарафи ӯ қурбонӣ кунад, пас вакил фаромуш кунад, то вақт гузарад, пас боке надорад, ки баъди гузаштани вақт барои узр доштан қурбонӣ кунад ва аз рӯи қиёс кардан бар касе ки аз адои намоз дар хоб монд, ё онро фаромуш кард, пас вай ҳаргоҳ бедор шавад ё ба ёд орад, намозро мехонад.

Ва забҳ кардани қурбонӣ дар вақташ дар шабу рӯз ҷоиз мебошад ва дар рӯз қурбонӣ кардан беҳтар аст ва дар рӯзи ид баъд аз ду хутба беҳтар ва ҳар рӯз аз рӯзи ояндааш беҳтар аст (яъне рӯзи 11-ум аз рӯзи 12-ум беҳтар аст ва рӯзи 12-ум аз рӯзи 13-ум беҳтар аст), зеро дар ин дар кори хайр шитобидан аст.

## Фасли сеюм андар афзалияти қурбонӣ аз рӯи ҷинс ё сифат ва макрӯҳи он

Дар қурбонӣ аз рӯи ҷинс беҳтар: Шутур сипас гов агар ба он комилан бешарик қурбонӣ кунад, сипас гусфанд, сипас буз, сипас ҳафтяки шутур, сипас ҳафтяки гов.

Ва беҳтар дар қурбонӣ аз рӯи сифат: Фарбеҳтару гушти бисёр дошта бошад, аз рӯи хилқат комилтар ва аз рӯи манзар некӯтар бошад.

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ ду гусфанди шохдори сиёҳу сафед (ала) қурбонӣ мекард. Кабш гусфанди бузург аст. Амлаҳ-ранги он сиёҳ омехта ба сафедӣ буд, пас он сафедӣ дар сиёҳӣ буд (яъне зебо буд).

Ва аз Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки вай гуфт: Паёмбар ﷺ гусфанди шохдори қавиҷисми гуштдор, сиёҳчашм, сиёҳдаҳон ва посиёҳро қурбонӣ мекард. Ин ҳадисро муаллифони чор Сунан ривоят карданд ва Тирмизӣ гуфт: Ҳадиси ҳасану саҳеҳ аст.

Ва (الفحيل): Фаҳл-гусфанди нари (қучқори) бузург аст.

Ва маънои дар сиёҳи мехӯрад то охираш: Ин аст, ки мӯи даҳонаш ва чашмонаш ва атрофаш сиёҳ аст.

Аз Абӯрофиъ мавлои Паёмбар ﷺ ривоят аст, ки гуфт: "Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ қурбонӣ мекард, ду гусфанди нари фарбеҳ мехарид" ва дар ривояте "ахтакардагӣ мехарид". Ривояти Аҳмад.

Самин: Серравған ва сергушт.

Ва мавҷӯъ: Ахта ва ахта ғолибан аз қучқор аз рӯи гушти хуб комилтар аст ва қучқор аз ҷиҳати пурра будани хилқат ва аъзо комилтар аст.

Ин зикршудаҳо дар қурбонӣ аз рӯи ҷинс ва сифат беҳтар аст.

**Аммо ҳайвоне ки қурбонӣ кардани вай макрӯҳ аст, пас ҳайвони зерин аст:**

1-Азбо: Ҳайвоне ки нисф ё бештари гушаш ё шохаш бурида шудааст.

2-Муқобала: Ҳайвоне ки гушаш аз ҷониби пеш аз паҳнои шикоф карда шудааст.

3-Мудобара: Ҳайвоне ки гушаш аз ҷониби пас аз паҳнои шикоф карда шудааст.

4-Шарқо: Ҳайвоне ки гушаш аз дарозо шикоф карда шудааст.

5-Харқо: Ҳайвоне ки гушаш чок карда шудааст.

6-Мусфара ҳайвоне ки гушаш бурида шуда то ки сурохи дохили гуш намоён шудааст. Ва гуфта шуд: Лоғар ҳаргоҳ ба ҳадде нарасида бошад, ки мағзашро гум мекунад.

7-Муътасала: Ҳайвоне ки ҳамаи шохаш шикаста рафта аст.

8-Бахқо: Ҳайвоне ки чашмаш кур шуд, пас биноияш рафта ва чашм ба ҳоли худ боқӣ аст.

9-Мушайяъа гусфанде ки барои заифияш гусфандҳоро пайравӣ намекунад, магар ба касе ки аз дунболи он рафта онро меронад, то ба гусфандон бипайвандад. Мушайиъа ба касраи ҳарфи ёи шаддадор дуруст аст ва он ҳайвоне ки барои заифияш аз гусфандон қафо мемонад, пас монанди ташйиъкунандаи онҳо мебошад.

Ин ҳамон макрӯҳҳоест, ки ҳадисҳо ба наҳй аз қурбонӣ кардани онҳо омадааст, ба чизе ки ба он айб гирифта мешавад ё амр ба парҳез кардан аз онҳо омадааст. Инро бар кароҳият бардошт кардан барои ҷамъи байни ин ва байни ҳадиси Баро ибни Озиб разияллоҳу анҳу, ки собиқ дар шарти сеюм аз шартҳои қурбонӣ омадааст, мебошад.

Ба ин макрӯҳҳо оне ки ба монанди он аст, ба он мепайвандад, пас ба айбҳои зерин қурбонӣ кардан макрӯҳ мебошад:

1-Шутур, гов ва бузе ки нисфи дум, пас бештари он бурида шудааст.

2-Камтар аз нисфи думбааш бурида шуда бошад, пас агар нисфи думба пас бештар бурида шуда бошад, пас ҷумҳури олимон гуфтан: Қурбонӣ кардан ба он ҷоиз намебошад. Аммо ҳайвоне ки дар асли офариниш бедумба буд, пас боке надорад.

3-Олати наринагияш бурида шуда бошад.

4-Баъзе дандонҳояш афтода бошад, агарчи саноё ё рубоиёт бошад, пас агар дар асли офариниш дандон надошта бошад, макрӯҳ нест.

5-Чизе аз нуки синааш бурида шуда бошад, пас агар дар асли офариниш надошта бошад, макрӯҳ намебошад ва агар шираш бо солим будани пистонҳояш хушк шавад, пас боке надорад.

Ҳаргоҳ ин панҷ макрӯҳро ба нуҳ макрӯҳи собиқ изофа кунӣ, чаҳордаҳ макрӯҳ мешавад.

## Фасли чорум: Аз тарафи кӣ қурбонӣ ҷоиз мешавад

Як қурбонӣ аз гусфанду буз аз мард ва хонаводаи ӯ ва касе аз мусалмононро хоҳад, ҷоиз мешавад, аз рӯи ҳадиси Оиша разиял-лоҳу анҳо, ки мегӯяд: Паёмбар ﷺ ба овардани як қучқори шохдор, ки поҳои ӯ сиёҳ бошад, сина ва шиками ӯ сиёҳ бошад ва чашмҳои ӯ сиёҳ бошад амр кард, пас ҳамонтавр гусфанд оварда шуд, то қурбонӣ гардад. Паёмбар ﷺ гуфт: Эй Оиша кордро биёр ва онро бо санге тез кун! Оиша мегӯяд: Пас кордро тез кардам, сипас кордро гирифт ва гусфандро ба паҳлу хобонид ва забҳ кард ва сипас гуфт: Ба номи Аллоҳ, эй Аллоҳ аз Муҳаммад ва оли Муҳаммад ва аз уммати Муҳаммад қабул кун, сипас ба гушти он қурбонӣ ба мардум нони чошт дод. Ривояти Муслим

Ва аз Абӯрофиъ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ ду гусфанд қурбонӣ мекард, якеаш аз вай ва хонаводааш ва дуюмаш аз ҳамаи умматаш. Ривояти Аҳмад

Аз Абӯаюби Ансорӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки вай гуфт: Мард дар замони Паёмбар ﷺ як гусфанд аз номи худ ва хонавода-аш қурбонӣ мекард, пас мехӯрданд ва таом медоданд. Ривояти Ибни Моҷа ва Тирмизӣ ва Тирмизӣ онро саҳеҳ гуфтааст.

Ҳаргоҳ мард як гусфанд ё як буз аз номи худ ва аз аҳлаш қурбонӣ кунад, аз ҳар касе аз аҳлаш зинда бошад ва мурда ният карда бошад, басанда аст. Пас агар чизе ният накарда бошад, ом ё хос мешавад, дар аҳли байташ ҳар касеро ки ин лафз аз рӯи урф ё луғат шомил мешавад, дохил аст ва он дар урф ҳамсарон, авлодҳо ва наздикон мебошад. Ва дар луғат: Ҳар қарибе аз насли ӯ ва насли падараш ва насли бобояш ва насли бобои падараш мебошад.

Ҳафтяки шутур ё ҳафтяки гов аз он чизе ки як гусфанд кифоят мекунад, басанда мебошад. Пас агар мард ба ҳафтяки шутур ё ҳафтяки гов аз номи худ ва аз хонаводааш қурбонӣ кунад, ин ӯро

басанда аст, зеро Паёмбар ﷺ ҳафтяки шутур ва говро дар ҷои як гусфанд дар ҳадя қарор дод, пас дар қурбонӣ инчунин мебошад, зеро дар байни қурбонӣ ва ҳадя дар ин ҳукм фарқ нест.

Ва як гусфанд аз ду шахс пас бештар кифоягӣ намекунад, ду нафар як гусфанд бихаранд ва онро қурбонӣ кунанд, қурбонӣ намешавад, зеро ин дар Қуръон ва суннат наомадааст, ҳамчуноне ки ҳашт нафар пас зиёдтар дар як шутур ё гов шарик шаванд кифоят намекунад, зеро ибодатҳо тавқифӣ аст, дар он аз миқдор ва чигунагие ки муайян шудааст, гузаштан ҷоиз намебошад ва ин дар ғайри шарик шудани дар савоб аст, пас шарик шудан дар савоб беҳаср омадааст, ҳамчуноне ки гузашт.

Бинобар ин, ҳаргоҳ васиятҳои ҷамоатеро ёфтӣ, ки ҳар кадоми он ба қурбонӣ кардан аз даромади вақф масалан васият кардааст ва даромади васият барои қурбонӣ кифоягӣ намекунад, пас ҷамъ овардани ин васиятҳо дар як қурбонӣ ҷоиз намебошад, аз рӯи оне ки донистӣ, ки як гусфанд аз ду шахс пас бештар дар ғайри савоб кифоягӣ намекунад ва бинобар ин даромадро ҷамъ мекунад, то ба қимати қурбонӣ бирасад, пас агар даромад кам бошад, баъди чанд сол ҷамъ мешавад, онро дар даҳаи зулҳиҷҷа садақа мекунад.

Аммо агар васиятгар як нафар бошад, ба чанд қурбонӣ васият карда бошад, пас даромад барои ҳамаи он кифоягӣ накунад, агар васиятшуда хоҳад ҳамаи қурбониҳоро дар як қурбонӣ ҷамъ меорад, зеро васиятгар як кас аст ва агар хоҳад имсол як қурбонӣ мекунад ва соли оянда як қурбонии дигар мекунад ва якум беҳтар аст.

(**Танбеҳи муҳим**): Баъзе васиятгарҳо қимати қурбониро аз даромад ба қасди муболаға дар қимати он таъйин мекунад, аз рӯи дур шумориданӣ ӯ, ки ба миқдоре ки таъйин кардааст бирасад, пас мегӯяд: Аз номи ман қурбонӣ карда шавад ва агарчи қимати

қурбонӣ як риёл (сум) бошад, зеро дар вақти вай хело арзон буд. Пас баъзе васиятшудаҳое ки аз Аллоҳ наметарсанд қурбонӣ намекунанд ба далели ин ки васиятгар қимати онро як риёл гуфтааст ва қурбонӣ як риёл нест, бо вуҷуде ки даромад бисёр аст ва ин бар вай ҳаром аст ва он ба ин амалаш гунаҳгор аст. Бар вай лозим аст ки қурбонӣ кунад ва агарчи қимати қурбонӣ ба ҳазор риёлҳо бирасад, модоме ки даромад барои ин кофӣ бошад, зеро мақсади васиятгар аз андоза кардан муболаға дар қимати қурбонӣ буд, на таҳдиди он ба ин миқдор.

## Фасли панҷум андар чизе ки қурбонӣ ба он таъйин мешавад ва аҳкоми он

Қурбонӣ ба яке аз ду амр таъйин мешавад:

Якум: Лафз ба ин ки мегӯяд: Ин қурбонӣ аст, дар ҳоле ки қасди иншои таъйини онро дорад. Аммо агар қасди хабар додан аз он чизе, ки онро дар оянда мекунад, дошта бошад, пас ба ин қурбонӣ таъйин намешавад, зеро мақсад ба он хабар додан аз он чизест, ки дар оянда мекунад, на қасди иншои таъйини он аст.

Дуюм: Феъл ва он ду навъ аст:

Якум: Онро ба нияти қурбонӣ забҳ кардан, пас вақте ба ин ният онро забҳ кунад, барои он ҳукми қурбонӣ собит мешавад.

Дуюм: Онро ба нияти қурбонӣ бихарад, ҳаргоҳ дар ивазӣ муайяне бошад, мисли ин ки қурбониро таъйин кард, пас барои беаҳамиятияш қурбонӣ талаф шуд, пас як дигареро ба нияти бадали оне ки талаф шуд, мехарад, пас ин ба муҷарради ба ин ният харидан қурбонӣ мешавад, зеро он бадал аз моли муайян аст ва бадал ҳукми мубаддалро дорад. Аммо ҳаргоҳ бадал аз муайян набошад, пас он ба нияти қурбонӣ харидан таъйин намешавад, ҳамонгуна ки ғуломеро харад, озод карданашро мехоҳад, пас он ба муҷарради харидан озод намешавад ё чизеро харад, ки онро вақф мегузорад, пас ба муҷарради харидан вақф намешавад, пас инчунин чаҳорпоеро ба нияти қурбонӣ бихарад, пас он ба муҷарради харидан қурбонӣ намешавад.

**Ва ҳаргоҳ қурбонӣ муъайян шавад ба он аҳкоме мутааллиқ мешавад:**

**Якум:** Дар он тасарруф кардан бо чизе ки аз қурбонӣ кардани он монеъа мегардад, ҷоиз намебошад яъне фурӯхтан, бахшидан, гарав гузоштан ва ғайра ҷоиз намебошад, магар ки ба беҳтар аз он ба хотири маслиҳати қурбонӣ иваз кунад, на ба мақсаде ки дар

нафсаш аст. Агар гусфандеро барои қурбонӣ таъйин кард, сипас нафсаш барои ғаразе аз ғазарҳо ба ин мутааллиқ шуд, пас пушаймон шуд ва ба беҳтар аз он, онро иваз кард, то онро боқӣ гузорад, ин кор барояш ҷоиз намебошад, зеро он чиро ки барои Аллоҳ таъоло бароварда буд барои насибаи нафсаш гардонд, на барои маслиҳати қурбонӣ.

**Дуюм:** Ҳаргоҳ баъд аз таъйини қурбонӣ шахс фавтид, ворисонро лозим аст, ки онро анҷом диҳанд ва агар пеш аз таъйини чаҳорпои қурбонӣ фавтид, пас он мулки онҳост, чигунае хоҳанд дар он тасарруф мекунанд.

**Сеюм:** Чизе аз манфиатҳои онро истифода намебарад, пас онро дар кишт ва монанди ин истифода намебарад ва онро савор намешавад, магар дар вақти ҳоҷат ва бар он зарар набошад ва шири онро наҷушад, ки онро кам кунад ё бачаи он ки ба вай таъйин шудааст муҳтоҷ мешавад ва чизе аз пашми он ва монанди онро наметарошад, магар ки барои он нафъовартар бошад, пас онро метарошад ва онро садақа ё ҳадя мекунад ё аз он фоида мебарад, ва онро намефурушад.

**Чорум:** Ҳаргоҳ ба айбе гирифтор шавад, ки аз қурбонӣ кардан манъ мекунад, мисли ки гусфанде харад, пас онро барои қурбонӣ таъйин кунад, пас чашми он кур шавад, то ки курии он маълум бошад, пас ду ҳолат дорад:

**Ҳолати якум:** Ин айб ба феъли вай ё кутоҳии вай шавад, пас бар вай иваз кардани он ба мисли он бар сифати он ё аз он комилтар воҷиб мешавад, зеро айби он ба сабаби вай шуда аст, пас вайро зомин шудан ба мисли он лозим мешавад, дар ивази он забҳ мекунад ва чаҳорпои маъюб бар қавли дуруст мулки вай мешавад, дар он чизе хоҳад мекунад, яъне аз фурухтан ва ғайра.

**Ҳолати дуюм:** Бефеъли вай ва бекутоҳии вай маъюб шуда бошад, пас онро забҳ мекунад ва онро кифоягӣ мекунад, магар ки дар зиммааш пеш аз таъйин воҷиб бошад, зеро он дар наздаш амонат мебошад, пас бефеълу кутоҳии вай маъюб шудааст, пас бар вай мушкилӣ ва замоне нест.

Пас агар дар зиммааш пеш аз таъйин воҷиб бошад, бар вай табдил додани он ба солим воҷиб аст, аз он чизе ки дар зиммааш аст кифоягӣ мекунад.

Мисолаш ин аст ки мегӯяд: Барои Аллоҳ бар ман назр, ки имсол қурбонӣ мекунам, пас қурбоние мехарад, пас онро аз чизе ки назр кардааст, таъйин мекунад, сипас ба айбе гирифтор шуда, ки аз қурбонӣ манъ мекунад, пас ӯро лозим меояд ки онро ба солим иваз кунад, ки дар қурбонӣ кифоят мекунад ва моли маъюб аз они ӯ мебошад, локин агар аз бадал олӣтар бошад, ӯро лозим аст ки ба сарбаҳо садақа кунад ва сарбаҳо фарқи байни ду қимат аст.

**Панҷум:** Ҳаргоҳ чаҳорпои қурбонӣ гум шавад ё дуздида шавад, пас боз ду ҳолат дорад:

**Ҳолати якум:** Ба беаҳамиятии вай бошад, мисли ин ки дар ҷое ки нигаҳдорӣ намешавад, онро гузорад, пас чаҳорпои қурбонӣ гурезад ё дуздида шавад, пас бар вай иваз кардани он ба мисли сифати он ё аз он беҳтар воҷиб мешавад, ки дар ивази он забҳ мекунад. Ва чаҳорпои гумшида ё дуздидашуда мулки вай аст, ҳаргоҳ онро ба даст орад ҳарчи хоҳад ба он мекунад, яъне аз фурухтан ва ғайра.

**Ҳолати дуюм:** Бе кутоҳии вай бошад, пас бар вай замон нест, магар ки дар зиммааш пеш аз таъйин воҷиб бошад, зеро он дар наздаш амонат аст ва бар амонатдор замон нест, ҳаргоҳ кутоҳӣ накунад, локин ҳаргоҳ онро ба даст орад, онро қурбонӣ кардан бар вай воҷиб мешавад ва агарчи баъди гузаштани вақти қурбонӣ

ба даст орад. Ва инчунин агар дузд товони онро бидиҳад, пас қурбонӣ кардан ба он чизе ки товон додааст, барои соҳиби он бар сифати он бенуқсон воҷиб мешавад.

Агар дар зиммааш пеш аз таъйин воҷиб бошад, бар вай дар бадали он забҳ кардан воҷиб шавад, он чизе ки  дар зиммааш аст аз он кифоягӣ мекунад, ва ҳаргоҳ онро ба даст орад, пас он мулки вай аст дар он чизе хоҳад мекунад яъне фурухтан ва ғайра, локин агар бадале ки аз ҷои он забҳ кард, аз қимати он камтар бошад, бар вай воҷиб аст, ки сарбаҳои кам садақа диҳад ва сарбаҳо фарқи байни ду қимат аст.

**Шашум:** Ҳаргоҳ чаҳорпои қурбонӣ талаф шавад, пас се ҳолат дорад:

**Ҳолати якум:** Талафи он ба амре бошад, ки дар он кори одамӣ намебошад, монанди беморӣ ва офати осмонӣ ва феъле ки худи он мекунад, пас ба сабаби он мемирад, пас бар вай замон нест, магар вақте ки пеш аз таъйин бар зимааш воҷиб бошад, зеро он дар наздаш амонат аст, ба сабабе талаф шудааст, ки дар он зомин шудан нест, пас бар вай зомин шудан нест. Агар пеш аз таъйин дар зимааш воҷиб бошад, бар вай воҷиб аст, ки дар бадали он забҳ намояд, чизеро ки аз он чизе ки дар зимааш аст кифоягӣ кунад.

**Ҳолати дуюм:** Талафи он ба феъли моликаш бошад, пас бар вай воҷиб аст, ки дар бадали он бар сифати он ё аз он беҳтар забҳ намояд барои зомин шудани он дар ин ҳолат.

**Ҳолати сеюм:** Талафи он ба феъли одамӣ бошад, на аз молики он, пас агар зомин гардондани он имкон надошта бошад, монанди раҳзанҳо, пас ҳукми он ҳукми онест, ки бефеъли одамӣ талаф шудааст, дар ҳолати якум гузашт. Ва агар зомин гардондани он мумкин бошад, мисли шахси муайян, ки онро забҳ кард, пас онро хӯрд ё онро кушт ва монанди он, пас бар вай зомин шудан ба

мисли он воҷиб мешавад, онро ба соҳибаш пардохт мекунад, то ба он қурбонӣ кунад, магар ки соҳибаш ӯро бахшад ва ба чизе ки бар вай зомин шудан воҷиб мешавад, қоим мешавад.

**Ҳукми ҳафтум:** Ҳаргоҳ пеш аз вақти қурбонӣ ва агарчи ба нияти қурбонӣ забҳ кунад, пас ҳукми он монанди ҳукми талафёфта аст, бинобар баёне ки гузашт. Ва агар дар вақти қурбонӣ забҳ кунад, пас агар забҳкун соҳиби он ё вакили вай бошад, пас дар ҷои худ воқеъ шудааст ва агар забҳкун ғайри соҳибаш  ва ғайр вакилаш бошад, пас се ҳолат дорад:

**Якум:** Аз соҳиби чаҳорпои қурбонӣ ният кунад, пас агар соҳибаш розӣ шавад, басанда аст ва агар розӣ нашавад бинобар қавли саҳеҳ басанда нест ва бар забҳкун замони он ба мисли он воҷиб мешавад, онро ба соҳибаш пардохт мекунад, то ба он қурбонӣ кунад, магар ин ки соҳибаш онро бахшад ва ба он чизе ки аз замонати он воҷиб мешавад, қоим мешавад. Ва гуфта шуд: Басанда аст ва агарчи розӣ нашавад ва ин аз мазҳаби Аҳмад, Шофеъӣ ва Абӯҳанифа раҳимаҳумуллоҳу таъоло машҳур аст.

**Дуюм:** Аз номи худаш ният кунад, на аз номи соҳиби қурбонӣ, агар бидонад моли дигар кас аст, на аз номи ӯ раво мешавад ва на аз номи ғайраш. Ва бар вай замони он ба мисли он воҷиб мешавад, онро ба соҳиби он пардохт мекунад, магар ки соҳибаш онро бахшад. Ва гуфта шуд: Аз соҳиби қурбонӣ раво мешавад ва бар вай забҳкун замони гуште ки тақсим кардааст воҷиб мешавад. Ва агар надонад, ки моли ғайраш аст, аз соҳиби он раво мешавад, агар забҳкунанда гушти онро тақсим карда бошад, бар вай замони мисли он барои соҳиби он воҷиб аст, магар ки соҳиби қурбонӣ ба тақсим кардани вай розӣ шавад.

**Сеюм:** Аз ягон кас ният накунад, пас аз ягонтаи онҳо иҷро намешавад, барое ки нияти қурбонӣ накардааст. Ва гуфта шудааст: Аз соҳиби қурбонӣ иҷро ва раво мешавад.

Ва вақте дар ҳоле аз ҳолатҳои собиқ аз соҳиби қурбонӣ раво шавад, агар гушт боқӣ бошад, соҳибаш онро мегирад, то мисли тақсими қурбонӣ тақсим кунад ва агар забҳкун мисли тақсими қурбонӣ тақсим карда бошад ва соҳибаш розӣ гардад, забҳкун зомин намешавад ва агар соҳибаш розӣ нагардад, забҳкун зомин мешавад ва онро ба соҳибаш пардохт мекунад, то вай мисли тақсими қурбонӣ тақсим намояд.

## Ду фоида:

**Якум:** Ҳаргоҳ чаҳорпои қурбонӣ баъди забҳ кардан талаф ёфт ё duздида шуд ё касе онро гирифт, ки аз он  гирифтан имкон надорад ва соҳибаш кутоҳӣ накарда буд, пас соҳибаш зомин намешавад ва агар кутоҳӣ кард, қисмате ки садақа дар он воҷиб мешуд, зомин мегардад, пас онро садақа мекунад.

**Дуюм:** Ҳаргоҳ чаҳорпои қурбонӣ баъди таъйини он таваллуд кард, пас ҳукми фарзанди он дар ҳамаи умури гузашта ҳукми модараш аст. Ва агар пеш аз таъйини қурбонӣ таваллуд кард, пас навзод дар ҳукми худаш мустақил аст, пас модарашро дар моли қурбонӣ будан тобеъ намешавад, зеро он қурбонӣ набуд, магар баъд аз ҷудо шудани он аз модараш.

## Фасли шашум андар чизе ки аз қурбонӣ хӯрда ва тақсим карда мешавад.

Барои қурбоникун раво аст, ки аз гушти қурбонияш бихӯрад, ҳадя диҳад ва садақа кунад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Пас аз гушти он бихӯред ва фақири бенаворо таом диҳед**). (Сураи Ҳаҷ, ояти: 28) ва фармудаи Аллоҳи таъоло: (**Пас аз гушти он бихӯред ва фақирони қонеъ "соил нестанд" ва фақирони соилро таом диҳед**). (Сураи Ҳаҷ, ояти 36).

Қонеъ: Соили хор. Ва мӯътар: Барои ато кардан бесуол пеш меояд.

Аз Салама ибни Акваъ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "Бихӯред, таом диҳед ва захира кунед". Ривояти Бухорӣ. Ва таом додан, барои бойҳо ҳадя додан ва барои фақирон садақа доданро шомил мешавад. Аз Ойша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "Бихӯред, ва захира кунед ва садақа диҳед". Ривояти Муслим

Ва олимон раҳимаҳуллоҳу таъоло дар миқдоре ки мехӯрад, ҳадя медиҳад ва садақа мекунад, ихтилоф карданд. Ва амр дар ин васеъ аст. Ва қавли ихтиёршуда ин аст, ки сеякашро мехӯрад ва сеякашро ҳадя медиҳад ва сеякашро садақа мекунад. Ва қисмати аз он ки хӯрданаш равост, захира кардани он равост ва агарчи муддати дароз боқӣ монад, то ба ҳадде нарасад, ки хӯрданаш зарар расонад, магар ки соли гишнагӣ бошад, пас аз се рӯз зиёд захира кардан ҷоиз намешавад, аз рӯи ҳадиси Салама ибни Акваъ разияллоҳу анҳу ки вай гуфт: Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Касе аз шумо қурбонӣ кард, пас баъди субҳи рӯзи сеюм чизе аз он дар хонааш боқӣ намонад", пас вақте ки соли оянда шуд, гуфтанд: Эй Расулуллоҳ монанди соли гузашта кунем? Пас Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Бихӯред, таом диҳед ва захира кунед, он сол мардум дар душво-

рию гуруснагӣ буданд, пас хостам, ки дар он сол ёрӣ диҳед". Ривояти Бухорӣ ва Муслим

Дар раво будани хӯрдан ва ҳадя додан аз қурбонӣ дар байни нафлӣ ва воҷибӣ фарқ нест ва дар байни ин ки аз номи зинда ё майит ё васиятшуда фарқ нест, зеро васиятшуда дар мақоми васиятгар аст ва васиятшуда аз қурбонӣ мехӯрад, ҳадя медиҳад ва садақа мекунад, зеро ин урфу одати мардум аст ва урфу одати ҷорӣ монанди лафзан гуфташудааст. Аммо вакил агар барояш вкилкунанда дар хӯрдан ва ҳадяву садақа додан иҷозат диҳад ё далел ё урф бар ин далолат кунад, пас вакил ин корро карда метавонад вагарна онро ба вакилкунанда месупорад ва тақсими он ба вакилкунанда мебошад. Фурухтани чизе аз қурбонӣ ҳаром мебошад, на гушташ фурухта мешавад ва на ғайри он ҳатто пусташ фурухта намешавад. Ва қассобро чизе аз онро дар муқобили музд ё баъзеи онро намедиҳад, зеро ин ба маънои фурухтан аст.

Аммо ба касе чизе аз қурбонӣ ҳадя дода шуд ё садақа карда шуд, пас вай дар он ҳаққи тасарруф дорад ба он чизе ки аз фурухтан ва ғайра мехоҳад. Ба касе ки ба вай ҳадя дод ё садақа кард, онро намефурушад.

## Фасли ҳафтум андар он чизе ки шахси қурбоникун аз он парҳез мекунад

Ҳаргоҳ шахсе хоҳад қурбонӣ кунад ва моҳи зулҳиҷҷа дарояд ё ба дидани моҳи он ё ба комил шудани моҳи зулқаъда си рӯзро, бар вай ҳаром аст, ки чизе аз мӯяш ё нохунҳояш ё башараашро гирад, то ки қурбонияшро забҳ кунад, аз рӯи ҳадиси Умми Салама разияллоҳу анҳо, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳаргоҳ моҳи зулҳиҷҷаро дидед" ва дар ривояте "ҳаргоҳ даҳаи зулҳиҷҷа дарояд ва яке аз шумо хоҳад қурбонӣ кунад, пас аз тарошидани мӯяш ва гирифтани нохунҳояш худдорӣ кунад". Ривояти Аҳмад ва Муслим

Ва дар ривояте: "Пас аз мӯяш ва нохунҳояш чизеро нагирад, то ки қурбонӣ кунад" ва дар ривояте: "Пас аз мӯяш ва башарааш чизеро нагирад".

Ва ҳаргоҳ дар аснои даҳа нияти қурбонӣ кунад, аз тарошидани мӯй ва гирифтани нохун аз замоне ки ният кард, бозистад ва бар он чизе ки пеш аз ният карданаш гирифта буд бар вай гуноҳе нест.

Ва ҳикмат дар ин наҳй ин аст, ки қурбоникун вақте ба ҳоҷӣ дар баъзе амалҳои ҳаҷ шарик шуд ва он наздик шудан ба сӯи Аллоҳ таъоло ба забҳи қурбонӣ мебошад, дар баъзе хусусиятҳои эҳром яъне аз гирифтани мӯ ва монанди он худдорӣ кардан шарик шуд. Ин ҳукм хос ба касест, ки қурбонӣ мекунад, аммо касе ки аз ҷониби ӯ қурбонӣ мешавад, пас ба ӯ тааллуқ надорад, зеро Паёмбар ﷺ фармуд: "Ва яке аз шумо хост қурбонӣ кунад" ва нагуфт: "Ё аз ҷониби ӯ қурбонӣ карда шавад" ва зеро ки Паёмбар ﷺ аз тарафи аҳли байташ қурбонӣ мекард ва аз ӯ нақл нашудааст, ки онҳоро аз ин чизҳоро нагирифтан амр карда бошад.

Бинобар ин барои аҳли қурбоникун ҷоиз аст, ки дар даҳ рӯзи зулҳиҷҷа аз мӯ, нохун ва башарааш бигирад.

Ҳаргоҳ касе қурбонӣ кардан мехоҳад, чизе аз мӯяш ё нохунаш ё башарааш гирад, бар вай лозим аст, ки ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба кунад ва ба ин амал боз нагардад ва бар вай кафорат нест. Ин амал ӯро аз қурбонӣ кардан боз намедорад, ҳамчуноне ки баъзе авом гумон мекунад. Ва ҳаргоҳ чизе аз инро аз рӯи фаромушӣ ё нодонӣ гирад ё мӯяш беқасд афтад, пас бар вай гуноҳе нест. Агар ба гирифтани он муҳтоҷ шавад, пас метавонад онро бигирад ва бар вай чизе нест. Мисли ин ки нохунаш бишканад, пас ӯро озор диҳад, пас онро бибурад ё мӯҳояш дар чашмаш фарояд, пас онро дур кунад ё ба қайчи кардани он барои муолиҷа кардани ҷароҳат ва монанди он муҳтоҷ шавад.

## Фасли ҳаштум андар забҳи мол ва шартҳои он

Закот феълест, ки ҳайвон ба сабаби он ҳалол мешавад, ки бе он ҳалол намешавад, яъне аз наҳр ё забҳ кардан ё ҷароҳат.

Пас наҳр барои шутур ва забҳ барои ғайри шутур аст ва ҷароҳат барои ҳайвонест, ки бар он даст ёфта намешавад, магар ба ҷароҳат.

**Ва барои закот (забҳи мол) нуҳ шарт аст:**

**Шарти якум:** Забҳкун оқилу фарқкунанда бошад, пас ҳайвонеро ки маҷнун (девона) ё маст ё кӯдаке ки фарқ намекунад ё калоне ки тамйизаш рафтааст ва монанди инҳо бикушад, ҳалол намешавад.

**Шарти дуввум:** Забҳкун мусалмон ё кофири китобӣ бошад ва китобӣ касест, ки ба дини яҳудӣ ё насронӣ мансуб мебошад. Аммо мусалмон он чизеро ки забҳ кунад ҳалол аст, хоҳ забҳкун мард бошад ё зан, одил бошад ё фосиқ, тоҳир бошад ё бетаҳорат. Ва аммо китобӣ он чиро забҳ кард ҳалол мешавад, хоҳ волидайнаш китобӣ бошанд ё не. Ва мусалмонон бар ҳалол будани он чизе ки китобӣ забҳ кардааст, иҷмоъ доранд, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва таоми касоне ки китоб дода шуданд барои шумо ҳалол аст**). (Сураи Моида, ояти: 5) Ва зеро Паёмбар ﷺ аз гусфанде ки барои Ӯ зани яҳудӣ ҳадя дод хӯрд ва аз нони ҷавин ва равғани бӯйгирифта, ки ба сӯи он ду яҳудӣ Ӯро даъват карда буд хӯрд.

Аммо соири кофирони ғайри аҳли китоб, пас моли куштаашон ҳалол намебошад, барои мафҳуми фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва таоми касоне ки китоб дода шуданд**) пас (**касоне ки китоб дода шуданд**) исми мавсул ва силаи он ва он ду ба манзалаи муштақи шомили сифати маънавӣ аст, ки ҳукм ба вуҷуди он собит мешавад ва ба набудани он нафй мешавад.

Имом Аҳмад гуфт: Ягон касро намедонам ки ба хилофи ин гуфта бошад, магар ки мубтадиъ бошад ва иҷмоъро бар ин қавл Хозин

дар Тафсираш нақл кард ва бинобар ин ҳайвонеро ки комунистон ва мушрикон забҳ мекунад ҳалол намебошад, хоҳ ширкашон ба феъл бошад, мисли касе ки барои бутҳо саҷда мекунад ё ба қавл бошад, мисли касе ки ғайри Аллоҳро дуо мекунад. Ва ҳайвонеро ки бенамоз забҳ кунад, ҳалол намебошад, зеро бенамоз бинобар қавли роҷеҳ (бартар) кофир аст, хоҳ намозро аз рӯи таҳқир ё инкор кардани фарзии он тарк кунад. Ва он чиро ки касе забҳ кунад, ки фарз будани панҷ вақт намозро инкор мекунад ҳалол намебошад ва агарчи намоз хонад, магар касе ки фарзияти онро надонад, аз рӯе ки нав ислом овардааст ва монанди ин.

Он чизеро ки мусалмон ё китобӣ забҳ кардааст, пурсидан лозим намешавад, ки чигуна онро куштааст. Оё дар вақти забҳи он бисмиллоҳ гуфтааст ё не? Балки шоиста нест, зеро ин аз чуқур фурӯ рафтани дар Дин аст ва Паёмбар ﷺ аз он чизе ки яҳудӣ кушта буд хӯрд ва онҳоро напурсид. Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ва ғайрааш аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки қавме барои Паёмбар ﷺ гуфтанд: Мардуме барои мо гушт меоранд, намедонем оё бар он бисмиллоҳ гуфтаанд ё не, пас фармуд: "Шумо бар он бисмиллоҳ гуед ва онро бихӯред". Оиша гуфт: Онҳо нав аз куфр баромада буданд. Пас Паёмбар ﷺ онҳоро ба хӯрдани он бепурсиданашон амр кард, бо вуҷуде ки касоне омада буданд, ки бар онон аҳкоми Ислом пӯшида буд, зеро онҳо нав аз куфр баромада буданд.

**Шарти сеюм:** Қасди забҳро дошта бошад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Магар ки забҳ карда бошед**). (Сураи Моида, ояти: 3) Ва забҳ кардан феъли хос аст, ки ба ният эҳтиёҷ дорад, пас агар қасди забҳро надошта бошад, моли забҳшуда ҳалол намешавад, мисли ин ки чаҳорпое бар ӯ ҳуҷум кунад, пас ӯ танҳо барои дифоъи худаш онро бикушад.

**Шарти чорум:** Забҳ барои ғайри Аллоҳ набошад, агар забҳ барои ғайри Аллоҳ бошад, ҳайвони забҳшуда ҳалол намешавад, мисли касе ки барои таъзими бут ё соҳиби қабр ё малик ё падар ва монанди инҳо забҳ мекунад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Бар шумо гушти мурдор ва хун ҳаром гардонда шуд**) то фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва он чи барои бутҳо забҳ шуда**). (Сураи Моида, ояти: 3)

**Шарти панҷум:** Бар он номи ғайри Аллоҳро набарад, мисли ин ки бигӯяд: Ба номи набӣ ё Ҷибраил ё фалон, пас агар бар он номи ғайри Аллоҳро гӯяд, ҳалол намешавад ва агарчи номи Аллоҳро бо он гӯяд, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Бар шумо гушти мурдор ва хун ҳаром гардонда шуд**) то фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва он чи "ҳангоми забҳ" номи ғайри Аллоҳ бар он бурда шавад**). (Сураи Моида, ояти: 3) Ва дар ҳадиси саҳеҳи қудсӣ омадааст, ки Аллоҳ таъоло фармуд: "Касе амале кунад, ки дар он ба Ман шарик биёрад, Ман ӯ ва шарикашро тарк мекунам". Ривояти Муслим

**Шарти шашум:** Номи Аллоҳ таъолоро бар он ҳангоми забҳ зикр кунад, пас дар назди забҳи он мегӯяд: Бисмиллоҳ, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Пас агар ба оёти Ӯ имон доред аз гушти он чи номи Аллоҳ "ҳангоми забҳ" бар он бурда шуда бихӯред**). (Сураи Анъом, ояти: 118) Ва фармудаи Паёмбар ﷺ: "Чизе ки хунро ҷорӣ кунад ва бар он номи Аллоҳ бурда шавад, пас бихӯред".

Ривояти Бухорӣ ва дигарон.

Пас агар номи Аллоҳ таъоло бар он бурда нашавад ҳалол намешавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Ва аз он чи "ҳангоми забҳ" номи Аллоҳ бар он бурда нашуда нахӯред ва ҳамоно ин амал нофармонӣ ва гуноҳ аст**). (Сураи Анъом, ояти: 121)

Фарқ надорад, ки номи Аллоҳро бар он дониставу қасдан тарк кунад ё аз рӯи фаромушӣ ё аз рӯи нодонӣ барои умуми будани ин

оят ва зеро ки Паёмбар ﷺ бисмиллоҳро дар ҳалол шудан шарт гузошт ва шарт ба фаромушӣ ва ҷаҳл соқит намешавад ва чаро ки агар рӯҳи онро бе резондани хун аз рӯи фаромушӣ ё ҷоҳилӣ гирад, ҳалол намешавад, пас ҳаргоҳ бисмиллоҳро тарк кунад, инчунин аст, зеро сухан оиди ин ду якто аст ва аз як гӯянда аст, пас ҷудо намешавад.

Ва ҳаргоҳ забҳкун гунг бошад, ки бисмиллоҳ гуфта наметавонад, ишорае ки бар бисмиллоҳ далолат мекунад кифоя аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: **(Пас то ҷое ки метавонед аз Аллоҳ битарсед)**. (Сураи Тағобун, ояти: 16)

**Шарти ҳафтум:** Забҳ ба олати тез бошад, ки хунро ҷорӣ кунад аз оҳан ё сангҳо ё шиша ё ғайра аз рӯи фармудаи Паёмбар ﷺ: "Чизе ки хунро ҷорӣ кунад ва номи Аллоҳ бар он бурда шавад, пас бихӯред, модоме ки олати забҳ дандон ё нохун набошад ва шуморо аз ин хабар медиҳам, аммо дандон пас устухон аст ва аммо нохун корди ҳабаша аст".

Ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим омадааст, ки хидматгори Каъб ибни Молик разияллоҳу анҳу гусфандони ӯро дар Силъ мечаронид, пас дар яке аз гусфандон аломати маргро дид, пас сангеро шикаст, пас онро забҳ кард, пас ин қиссаро барои Паёмбар ﷺ зикр карданд, пас онҳоро ба хӯрдани он амр кард.

Агар рӯҳашро ба чизи ғайри тез гирад, ҳалол намешавад, мисли ин ки онро хафа кунад ё ба қувваи барқ онро занад ва монанди ин то бимирад. Агар ба чаҳорпо чунин кунад то ки эҳсосаш равад, сипас онро забҳи шаръӣ кунад ва дар ҳоле ки он зинда аст, ҳалол мешавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: (**Бар шумо гушти мурдор ва хун ҳаром гардонда шуд**) то фармудаи Ӯ таъоло: **(Ва хафашуда ва бо зарба мурда ва аз баландӣ афтода ва ба зарбаи**

**шохи "ҳайвони дигаре" мурда ва он чи дарандагон хӯрда бошанд...).** (Сураи Моида, ояти: 3)

**Ва барои ҳаёти барқарор ду аломат аст:**

**Якумаш:** Ҳаракат кардан.

**Дуюм:** Аз он хуни сурх ба қувва ҷорӣ шавад.

**Шарти ҳаштум:** Хунро ба забҳ кардан резондан, аз рӯи гуфтаи Паёмбар ﷺ: "Чизе ки хунро ҷорӣ кунад ва номи Аллоҳ бар ӯ бурда шавад, пас бихӯред". Агар ба ҳайвон даст ёфта нашавад, монанди туранда ва дар чоҳ ё ғор афтода ва монанди ин, резондани хун аз кадом мавзеи баданаш бошад кифоя аст ва беҳтар ин аст ки ҷоеро ҷустуҷӯ кунад, ки ҷонаш тезтар барояд, зеро ин барои ҳайвон роҳатбахштар ва азобаш камтар аст.

Ва агар бар ҳайвон даст дошта бошад, пас бояд, ки резондани хун аз поёни гардан то ду ҷоғ бошад, ба ҳайсе ки ду вадаҷро бибурад ва ду вадаҷ ду раги ғафс аст, ки ҳулқумро иҳота мекунад ва тамоми ин, ин аст ки ҳулқумро бо рагҳо бибурад. Ҳулқум ҷои ҷоришавии нафас аст ва марӣ маҷрои таом ва шароб аст, то ба ин модаи бақои ҳайвон аз байн равад ва модаи бақои ҳайвон хун аст ва роҳи ин ҳамон ҳулқум ва марӣ аст. Ва агар ба буридани ду раг иктифо кунад, забҳшуда ҳалол мешавад.

**Шарти нуҳум:** Дар забҳи забҳшуда аз рӯи шариат иҷозат дода шуда бошад, аммо иҷозат дода нашуда ду навъ аст:

**Якумаш:** Оне ки барои ҳаққи Аллоҳ таъоло ҳаром шудааст, монанди сайди ҳарам ва эҳром, пас агар забҳ шавад ҳам ҳалол намешавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: **"(Гушти) чаҳорпоён барои шумо ҳалол шудааст, магар онҷи бар шумо хонда мешавад ва дар ҳоли эҳром шикорро ҳалол нашуморед ҳамоно Аллоҳ ҳарчи бихоҳад ҳукм мекунад"**. (Сураи Моида, ояти: 1)

Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: **"Шикори баҳр ва таоми он барои шумо ҳалол шуда аст то барои шумо ва корвониён баҳрае бошад ва шикори биёбон мавқеъе ки дар эҳром ҳастед бар шумо ҳаром аст ва аз Аллоҳе ки ба сӯи Ӯ ҳашр мешавед, битарсед"**. (Сураи Моида, ояти: 96)

**Навъи дуюм:** Оне ки барои ҳаққи махлуқ ҳаром гашта аст монанди моли ғасбшуда ва дуздидашуда, ки онро ғасбкун ё дузд мекушанд, пас дар ҳалол шудани он барои олимон ду қавл аст, он ду қавл ва далелашонро дар асли китоб (дар саҳ: 88-90) назар кун.

## Фасли нуҳум: Андар одоби забҳ

Барои забҳ одоб аст, ки риояи он шоиста мебошад ва дар ҳалол шудани забҳшуда шарт намебошад, балки бе он ҳалол мешавад, пас аз ҷумла одоби зерин аст:

**1-**Забҳшударо дар вақти забҳ рӯ ба қибла кардан аст

**2-**Дар забҳи он эҳсон кунад, ба ҳайсе ки ба олати тез бошад, онро ба гардани ҳайвон ба қувват ва ба суръат бикашад ва гуфта шуд, ки ин аз ҷумлаи одоби воҷиба аст, аз барои зоҳири гуфтаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Аллоҳ эҳсонро дар ҳамаи чиз нависта аст, пас ҳаргоҳ куштед, пас некӯтар бикушед ва ҳаргоҳ забҳ кардед, пас некӯтар забҳ кунед ва яке аз шумо кордашро тез кунад ва забҳшудаашро роҳат бахшад". Ривояти Муслим ва ин қавл саҳеҳ аст.

**3-**Закот дар шутур наҳр бошад ва дар ғайри он забҳ бошад, пас шутурро росто дасти чапаш баста шуда наҳр кунад, агар ин тариқа бар вай душвор бошад, онро хобонда наҳр кунад ва ғайрашро дар паҳлӯи чапаш хобонда забҳ мекунад. Агар забҳкун ба дасти чап кор кунад, онро ба паҳлӯи рост хобонда забҳ кунад, агар барои забҳшуда роҳатбахштар бошад ва барояш имконпазир бошад. Ва

суннат аст, ки пояшро дар гарданаш гузорад, то бар он қудрат ёбад.

Ва аммо фурӯ хобондани он ва онро ба пояш рост доштан, ки аз фоидаҳои тарки ба пояш истодан ин аст, ки ба ҳаракат ва изтироб хун зиёд меравад.

**4-**Буридани ҳулқум ва марӣ зиёда бар буридани ду раг. Шарти ҳаштум аз шартҳои забҳро нигоҳ кун.

**5-**Кордро аз чаҳорпо дар вақти тез кардан пинҳон кунад, пас онро набинад, магар дар ҳангоми забҳ кардан.

**6-**Аллоҳ таъолоро баъд бисмиллоҳ такбир гӯяд.

**7-**Дар ҳангоми забҳи қурбонӣ ё ақиқа аз касе бошад, номи ӯро баъди бисмиллоҳ ва такбир бигирад ва аз Аллоҳ қабул шудани онро бихоҳад, пас мегӯяд: Бисмиллоҳ Аллоҳу акбар, Аллоҳумма минка ва лака анни (агар қурбонии ӯ бошад) ё аз фалон (агар аз ғайраш бошад) Аллоҳумма тақабал миннӣ (агар аз худаш бошад) ё аз фалон (агар аз ғайраш бошад).

## Фасли даҳум: Андар макруҳҳои забҳ

Барои забҳ макруҳҳост мебояд аз он парҳез намуд, аз ҷумла макруҳҳои зерин аст:

**1-**Ба корди кунд бошад. Ва гуфта шуд: Ин ҳаром мебошад ва ин саҳеҳ аст.

**2-**Олати забҳро тез кунад, дар ҳоле ки чаҳорпо нигоҳ мекунад.

**3-**Чаҳорпоро забҳ кунад, дар ҳоле ки чаҳорпои дигар нигоҳ мекунад.

**4-**Баъди куштан пеш аз баромадани ҷон коре кунад ки ӯро дард медиҳад, мисли ин ки гарданашро бишканад ё онро пуст канад, ё пеш аз мурданаш чизе аз аъзои онро бибурад. Ва гуфта шуд: Ин ҳаром аст ва ин қавл саҳеҳ аст.

То инҷо он чизеро ки аз китоби (Аҳком-ул-узҳияти ва-з-закот) хулоса карданро мехостем, тамом шуд. Аз Аллоҳ таъоло мепурсам ки ба ин ва ба аслаш фоида расонад.

Асри рӯзи чоршанбе мувофиқи 13-уми зулҳиҷҷаи соли 1400 ҳиҷрӣ тамом шуд.

Ва ҳамду сипос барои Аллоҳ Парвардигори оламиён аст ва салоту саломи Аллоҳ бар Паёмбарамон Муҳаммад ва бар оли Ӯ ва ҳамсуҳбатонаш ба якборагӣ бод.

## ФЕҲРАСТ

Пешгуфтор..................................................................................................3
Фасли якум: Таърифи узҳия (қурбонӣ) ва ҳукми он..........................5
Фасли дуввум: Андар шартҳои қурбонӣ.........................................10
Фасли сеюм: Андар афзалияти қурбонӣ аз рӯи ҷинс
ё сифат ва макруҳҳои он.............................................................14
Фасли чорум: Дар ҳаққи касе ки қурбонӣ аз ӯ иҷро мешавад........17
Фасли панҷум: Дар чӣ чиз қурбонӣ таъйин
мешавад ва аҳкоми он....................................................................20
Фасли шашум: Андар чизе ки аз қурбонӣ хӯрда
ва тақсим карда мешавад.............................................................26
Фасли ҳафтум: Касе қасди қурбонӣ дорад,
аз чӣ чиз парҳез мекунад...............................................................28
Фасли ҳаштум: Дар куштани мол ва шартҳои он.............................30
Фасли нуҳум: Дар одоби забҳ кардан............................................35
Фасли даҳум: Дар макруҳҳои забҳ кардан......................................36

تمّت

Шаби шанбе соати 3:36-и пеш аз субҳ, мувофиқи 24-уми зулқаъдаи соли 1440 ҳиҷрӣ тибқи 27-уми июли соли 2019 мелодӣ ба фазлу тавфиқи Аллоҳ тарҷумаи ин китоб ба охир расид. Аз Аллоҳ таъоло мехоҳам ки ин амалро дар мизони ҳасанотам қарор диҳад, Ӯ бар ҳама чиз тавоно аст.

Ба қалами: ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ